«Тасдиқ мекунам»

ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илми таърих, профессор_____Ибодуллозода А.И.

«29»_____09_____2022.

ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи доктор (PhD) Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)

Диссертатсия дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) иҷро шудааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 21.06.2022, №12 гузаронида шудааст.

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия. Пажуҳиш дар заминаи баррасии маводи соҳаи илмҳои адабиётшиносӣ ва бахшҳои он, махсусан, таърихи адабиёти асрҳои XI-XII анҷом ёфта, дар он масоили зиёди ин давраи таърихи

адабиёт, аз ҷумла вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ, илмию фарҳангии Хуросон (сулолаҳои Ғазнавӣ, Салҷуқӣ, Хоразмшоҳӣ), таъсири замон ба рӯзгори Адиб Собири Тирмизӣ, таркиби жанрии девон ва нашрҳои он, сохт ва устухонбандӣ, мамдуҳони қасидаҳо, баҳру авзон, қофия, радиф, забон, сабки баёну вижагиҳои он ва санъатҳои бадеӣ таҳқиқу баррасӣ шуда, ки ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат мекунад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқи диссертатсионӣ ба сархати 9-и “Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)” алоқаманд буда, омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи адабиёт, гузаштаи пурифтихори тоҷикон, бузургдошти осори адабии шоирон мавзуи мубраму камомӯхташудаи таърихи адабиёти тоҷик маҳсуб ёфта, як саҳифаи норавшани онро пурра мегардонад.

Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он. Диссертатсия дар пояи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ қарор дошта, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ комилан ҷавобгӯст. Автореферат ва мақолаҳои ба табърасидаи доктор (PhD) мухтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ дар 5 мақола тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, 4 мақола дар Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва 1 мақола дар Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ нашр шудааст:

1. Мерганзода М.Б. Санъати ташбеҳ дар ашъори Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: Маркази табъу нашр ва баргардон, 2017.-№4/6.- С.195-198.
2. Мерганзода М.Б. Авзони қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: ДДОТ, 2019.-№3.- С.129-137.
3. Мерганзода М.Б. Қофия ва анвои он дар осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: Маркази табъу нашр ва баргардон, 2020.-№1.- С.83-89.
4. Мерганзода М.Б. Мавқеи радиф дар осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: Маркази табъу нашр ва баргардон, 2021.-№1.- С.127-135.
5. Мерганзода М.Б. Таҳқиқи мамдуҳони қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).-Душанбе: Маркази табъу нашр ва баргардон, 2022.-№5.- С.259-265.
6. Саидов С., Мерганзода М.Б. Бадеияти қасидаҳои Адиб Собири Тирмизӣ // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ). – Душанбе: Дониш, 2022. – №3. – С. 155-166.

Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар

7. Мерганзода М.Б. Забон ва сабки баёни Адиб Собири Тирмизӣ // Масъалаҳои адабиётшиносӣ (маҷмуаи илмӣ).-Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022.-№1.- С.181-183.

8. Мерганзода М.Б. Мавқеи санъати илтизом дар қасоиди Адиб Собири Тирмизӣ // Масъалаҳои адабиётшиносӣ (маҷмуаи илмӣ).- Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022.-№1.- С.184-186.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо. Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли гузориши маъруза ва мақола интишор шуда, тавассути маҷмуаҳои дастаҷамъӣ, маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи донишгоҳӣ ба МД Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии АМИТ дастрас шуда, дар дарсҳои назариявию амалӣ ва корҳои мустақилонаи факултаҳои тахассусии суханшиносӣ аз ҷониби омӯзгорон ва алоқамандони адабиёт истифода мешавад.

Нуктаҳои меҳварӣ ва калидии диссертатсия дар семинару маҳфилҳо, конференсияҳои илмию амалии факултавӣ, донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа шуда, баҳогузорӣ гардидааст. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтааст.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, навиштани таърихи адабиёти тоҷику форс, нақди адабӣ, сабкшиносӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ, назарияи адабиёт, таълиф ва мураттаб сохтани дастуру китобҳои дарсӣ ва васоити таълим аз таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, суханрониҳо аз таърихи адабиёт дар макотиби миёна ва олӣ, ҳамчунин чун асоси назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи адабиёти муосири тоҷик истифода кард.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ. Диссертант нахустин маротиба поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ, аз ҷумла, масъалаҳои баҳру авзон, қофия ва радиф, забон ва сабки баён,

саноеи бадеӣ, сохту устухонбандӣ ва мамдуҳони қасоид, нашрҳои муосири девони шоирро мавриди таҳқиқу баррасии ҷиддӣ қарор додааст.

Аз тарафи диссертант дар ҳар фаслу боби диссертатсия ҷадвалҳои алоҳида оварда шудаанд, ки масъалаҳои баҳру авзон, қофия ва радифро ба таври мушаххас муайян мегардонад. Аз ҷумла, ҷадвали радиф, ки дар он 16 шоири асрҳои XI-XII мавриди тарқиқу муқоиса қарор гирифтаанд, раванди рушду таҳаввули радифро дар шеъри форсии тоҷикӣ муайян менамояд. Диссертант дар диссертатсия 137 қасидаи Адиб Собири Тирмизиро аз нигоҳи сохту устухонбандӣ ва муҳтаво мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, онҳоро ду гурӯҳ: 124 қасидаи комил ва 13 қасидаи муқтазаб (11 адад бо мадҳ, талаб ва хотима ва 2 адад бо насиб, гурез ва мадҳ) ва аз рӯйи муҳтаво ба се гурӯҳ: мадҳӣ (128 қасида), ахлоқӣ (4 қасида), шарҳиҳолӣ (5 қасида) тасниф намудааст, ки ин навоварии рисола маҳсуб меёбад. Дар маҷмуъ, ҳар бобу фасли диссертатсия бозёфти тозаи илмӣ ва навоварӣ дошта, масъала ва проблемаи адабиётшиносиро ҳаллу фасл кардааст, ки аз саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳад.

Пешниҳоди диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ. Диссертатсия дар асоси нақшаи мавзуъ навишта шуда, диссертант ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда расидааст. Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи Мерганзода Манучеҳри Бекназар дар мавзуи «Поэтикаи осори ғиноии Адиб Собири Тирмизӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) барои

дифоъ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 24.09.2022, №2 тасдиқ шудааст.

Дар маҷлис иштирок доштанд: **16 нафар.**

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» - 16 нафар;

«муқобил» - нест;

«бетараф» - нест.

Протоколи №2 аз 24 сентябри соли 2022.

Раисикунанда: раиси шурои олимони факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ, доктори илми филология, профессор — Восиева Р.Қ.

Ташхисгарон:
Доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДЗТ ба номи С. Улуғзода — Давлатбеков Л.М.

Номзади илми филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Боқиев Ҳ.О.

Котиби ҷаласа: котиби шурои олимони факултети филологияи тоҷик, номзади илми филология — Юсупов Ш.Р.

Имзоҳои Восиева Р.Қ., Давлатбеков Л.М., Боқиев Ҳ.О. ва Юсупов Ш.Р.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: +992 (37) 224-13-83; Сомона: www. tgpu.tj; E-mail: info@tgpu.tj